Ба Шӯрои диссертатсиониии 6D.KOA-018-и назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Рофиева Азиза Ҳамдамовна дар мавзӯи «Танзими хуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Рофиева Азиза Ҳамдамовна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти № 16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.**

Дастгирии соҳибкории оилавӣ ҳамчун воситаи таъмини шароит барои рафъи тамоюлҳои манфии ба эътидол овардани вазъи молиявии оилаҳо, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва зиёд намудани кӯмак ба оилаҳои камбизоат дар давраи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии оилаи дар Тоҷикистон дониста мешавад. Тағйирнопазирии сиёсати иҷтимоиро Паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тасдиқ мекунанд, ки дар онҳо эътирофи нақши муҳими оила дар ҳаёти ҷомеа, тарбияи наслҳои нав ва таъмини суботи иҷтимоӣ оиларо ҳамчун объекти рушди иҷтимоӣ қарор

медиҳад. Ҳамзамон, оила ҳамчун як ниҳоди ҳуқуқӣ ҳамчун соҳаи амалӣ намудани манфиатҳои аъзои алоҳидаи оила, манфиатҳои оила, ҷомеа ва давлат амал мекунад. Дар кишварҳое, ки низоми ҳуқуқии мутараққӣ доранд, ҳалли проблемаҳои иҷтимоие, ки дар натиҷаи бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ тезутунд шудаанд, имрӯз тавассути соҳибкории оилавӣ, ки он ба синфи миёнаи аз ҷиҳати иқтисоди тавоно вогузор шудааст, ба сомон расонида мешаванд. Дар иқтисоди бозоргонии мутамаддин аҳамияти соҳибкори оилавӣ бо вазифа ва ҳиссаи реалиаш ба тараққиёти ҷамъият муайян карда мешавад. Дар ин асно танзими мукамали ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ воситаи асосии ҳалли мушкилоти ҷамъиятӣ мегардад.

Тадқиқоти диссертатсионии Рофиева Азиза Ҳамдамовна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба яке аз масъалаҳои муҳимми танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ бахшида шуда, саривақтӣ, муҳим ва дорои аҳамияти назариявию амалӣ арзёбӣ мегардад. Он дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон омода гардида, якчанд маротиба дар ҷаласаҳои кафедраи мазкур мавриди муҳокима қарор гирифтааст.

Диссертатсияи Рофиева Азиза Ҳамдамовна бонизом ва дар сатҳи баланди мантиқию илмӣ таҳия гардида, андешаҳои илмӣ оид ба танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андешаҳои илмӣ оид ба мукаммалгардонии меъёрҳои қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ, оилавиро фарогир мебошад.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки: “Бар муқобили нуқсони қонунгузорӣ дар ин самт дар амалияи Тоҷикистон бошад соҳибкории оилавӣ ҷой дорад. Ин навъи соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ҳамагӣ 20 сол пеш маъмул шуд. Соҳибкории оилавӣ имрӯз, шояд дар ҳама ҷо ва барои ҳама дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз намояндагони қишрҳои болоии ҷомеа то шаҳрвандони оддӣ рушд мекунад. Дар тафовут аз Тоҷикистон дар ҷумҳурии ҳамсоя Ӯзбекистон дар соли 2022 барои

барномаи дастгирии соҳибкории оилавӣ, омӯзиши касбии бекорон ва ҷавонон, татбиқи лоиҳаҳо дар бахши хизматрасонӣ ҳокимияти Ӯзбекистон 13 трлн сум ($1,2 миллиард) равона менамояд. Бонкҳо қарзҳои имтиёзнок бо меъёри 7% барои машғул шудан дар хоҷагии қишлоқ дар заминҳои наздиҳавлигӣ пешниҳод менамоянд. Ба касоне, ки ба соҳибкории оилавӣ мехоҳанд машғул шаванд қарз ба муҳлати 3 сол бо назардошти муҳлати имтиёз аз 3 то 6 моҳ 14% солона дода мешавад. Тибқи маълумоти Кумитаи давлатии омор то санаи 1 январи соли 2021 дар Ӯзбекистон 45954 корхонаҳои оилавӣ бақайдгирифташуда, аз онҳо ба 43122 амалкунанда мебошанд" (Саҳ.8).

**Чӣ** тавре аз мазмуну муҳтавои диссертатсия ва автореферат маълум мегардад, муаллиф барои расидан ба ҳадафҳои таҳқиқот дар назди худ вазифаҳои зеринро гузоштааст: таҳлилу барасии табияти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ҳамчун самти соҳибкорӣ; муайян намудани низоми воситаҳои ҳуқуқии таъминкунадаи рушди соҳибкории оилавӣ; таҳлили муқоисавии ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар давлатҳои хориҷа; тадқиқи ҷанбаҳои ҳуқуқии рушди соҳибкории оилавӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ; омузиши заминаҳоии ҳуқуқии ташкил ва пешбурди фаъолияти соҳибкории оилавӣ дар соҳаи сайёҳӣ; муайян намудани мушкилоти ҳуқуқии пешбурди соҳибкории оилавӣ дар соҳаҳои дигари хоҷагии халқ; коркарди пешниҳодҳо барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ дар бахши мазкур (Саҳ. 10).

**Сохтори рисола.** Муаллиф дар доираи ду боб ва шаш зербоб ба пуррагӣ тавонистааст, ки ба ҳадафу вазифаҳои дар назди худ гузошта ноил гардад. Боби якуми диссертатсия – «**Моҳияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии соҳибкории оилавӣ**» буда, аз се зербоб иборат мебошад. Муаллиф дар боби мазкур ба таври дақиқ, асоснок ва ҳаматарафа табияти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ҳамчун самти соҳибкорӣ, низоми воситаҳои ҳуқуқии таъминкунадаи рушди соҳибкории оилавӣ, таҳлили муқоисавии ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар давлатҳои хориҷаро мавриди таҳлил қарор дода, ибрози

андеша намудааст, ки соҳибкории оилавӣ ин самти фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки дар он ду ё зиёда аъзои оила тавассути робитаҳои оилавӣ нақшҳои роҳбарӣ ё соҳибмулкӣ доранд ва бо мақсади ба даст овардани фоида таҳти масъулият истеҳсолот, иҷрои кор, хизматрасонӣ ва ё фурӯши молро ба сомон мерасонанд. Алоҳида пешниҳод гардидани истилоҳоти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар сатҳи қонунгузорӣ шароити иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилиро барои ташаккули инфрасохтори пешрафтаи соҳибкории оилавӣ, рушди оила ҳамчун муҳити худидоракунии инсон, баланд бардоштани иқтидори оилавӣ фароҳам меорад ва ба манфиати тараққиёти ҷамъият ва иқтисодиёт истифода мегардад. Аломатҳои фарққунандаи соҳибкории оилавӣ аз дигар самтҳои соҳибкорӣ чунинанд: оила барои идоракунӣ масъул мебошанд ва ё ҳадди аққал 25% саҳмияҳои ташкилот ба оила тааллуқ доранд; молик ё менеҷерхо соҳибкориро ҳамчун соҳибкории оилавӣ муайян ва дарк мекунанд (Саҳ.44).

Субъектони соҳибкории оилавӣ 2 гурӯҳ ҷудо карда мешавад: 1. Ташкилоти оилавӣ субъекти соҳибкории миёна ва калон мебошад, ки аз ҷониби аъзоёни як оила (сардори оила, зан, шавҳар, фарзандон, наберагон, падару модар, дигар хешу табори ба синни меҳнатӣ расида (занони фарзандон ва набераҳо, бародарони хуниву угай, зану шавҳар ва фарзандони онҳо, амакҳо ва холаҳо) таъсис дода шуда, идора карда мешавад; 2. Соҳибкории оилавии инфиродӣ - шахси воқеие, ки ба ҳайси соҳибкор аз қайди давлатӣ гузашта, худ ва ё бо ҷалби меҳнати аъзои оила фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад. Аъзоёни ташкилоти оилавӣ ҳуқуқ доранд: дар идоракунии соҳибкории оилавӣ, қабули қарорҳо, назорат аз болои фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ иштирок намоянд; вобаста ба шартҳои шартномаи таъсиси ташкилоти оилавӣ ҳиссаи худро аз фоида гиранд; ихтиёран аз кори оилавӣ даст кашидан; барои баргардонидани як қисми арзиши амволи ташкилоти оилавӣ ҳангоми баромадан аз ҳайати он мутаносибан ба маблағи амволе, ки ӯ ба сармояи оинномавӣ гузоштааст ё ба ӯ дар шакли асл ҷудо кардани амвол бо ҳамон арзиш, агар дар шартномаи

таъсиси ташкилоти оилавӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, талаб кунанд (Саҳ. 62-63).

Дар асоси таҳлили қонунгузории давлатҳои хориҷа оид ба соҳибкории оилавӣ аз ҷониби муаллиф пешниҳод карда мешавад, ки:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории оилавӣ» қабул карда шуда, он ба танзими муносибатҳо дар самти соҳибкории оилавӣ равона гардида, дарбаргирандаи меъёрҳо оид ба муқаррароти умумӣ, ташкили ташкилоти оилавӣ, соҳибкории оилавии инфиродӣ ва бақайдгирии давлатии онҳо, ҳуқуқ ва ухдадориҳои субъектони соҳибкории оилавӣ ва аъзоёни он, фаъолияти субъектони соҳибкории оилавӣ, кафолатҳои озодии фаъолияти соҳибкории оилавӣ, муқаррароти интиқолӣ.

2. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" аз 26 июли соли 2014, №1107 моддаи 3(1) бо мазмуни зайл илова карда шавад:

"Моддаи 3(1). Самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ

1. Давлат ҳама гуна самтҳои соҳибкории пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф намуда, ба он иҷозат медиҳад.

2. Соҳибкорӣ тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

-соҳибкории иҷтимоию фарҳангӣ;

-соҳибкории иҷтимоӣ;

-соҳибкории оилавӣ;

-соҳибкории стратегӣ;

-соҳибкории инноватсионӣ;

-соҳибкории зеҳнӣ;

-соҳибкории экологӣ;

-соҳибкории виртуалӣ"(Саҳ.86-87).

Боби дуюми диссертатсия «**Махсусияти танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар соҳаҳои алоҳида**» номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат мебошад.

Муаллиф дар ин қисмат бештар ба ҷанбаҳои ҳуқуқии рушди соҳибкории оилавӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ, заминаҳоии ҳуқуқии ташкил ва пешбурди фаъолияти соҳибкории оилавӣ дар соҳаи сайёҳӣ, мушкилоти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар соҳаҳои дигари хоҷагии халқ диққат дода аст, ки барои баррасии проблемаҳои ҷойдошта муҳим мебошад. Ӯ баён менамояд, ки хоҷагии оилавӣ шакли фаъолияти хоҷагии кишлокро дар назар дорад, ки аз тарафи оила ё аъзоёни алоҳидаи он ё бо ҷалб намудани кормандони кироя ба андозаи на бештар аз шумораи аъзоёни оилае, ки дар истеҳсолот кор мекунанд, ба амал мебарорад. Ҳамаи хоҷагиҳои оилавӣ, ки аз ду ё зиёда оилаҳо ташкил ёфтаанд ё аъзоёни дигар оилаҳои ба ҳам вобаста ба маблағи аз андозаи худи оила зиёд нестанд, ташкилотҳои оилавӣ буда наметавонанд. Зеро меҳнати онхо аз хисоби аъзоёни оилаи волидайн зиёд аст ва моликияти хоҷагии қишлок комплекс аз хоҷагиҳои оилаҳои муассисон ҷудо карда шудааст, ки ин хусусияти асосии хар як хоҷагии оилавӣ мебошад. Дар ин холат як иттиҳодияи шахрвандон аст, ки ба шакли корпоративӣ монанд аст. Дар аксари давлатҳои дорои иқтисоди бозаргонии мутараққӣ ин гуна хоҷагихоро хоҷагиҳои оилавӣ эътироф намекунанд, балки шарикӣ меноманд.

Таҳлили назария ва амалияи соҳибкории оилавӣ далели он аст, ки дар ин самти соҳибкорӣ таъсири оила ва омилҳои мураккаби системавӣ мавҷуданд ва ба равандҳои стратегӣ ва натиҷаҳои соҳибкори онҳо таъсир мерасонанд. Таъсири нодири системавии оила (модел)-ро бо истифода аз захираҳо ва имкониятҳои оила ба даст овардан мумкин аст. Ин модел нишон медиҳад, ки чӣ гуна муносибатҳои мутақобилаи системавии як воҳиди оила, субъекти хоҷагидорӣ ва узви инфиродии оила бо иҷроиш алоқамананданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии оилавҳо ва рушди соҳибкории оилавӣ устувор намудани заминаи ҳуқуқии хоҷагиҳои деҳқонии оилавӣ зарур аст. Хоҷагии деҳқонии оилавӣ – якҷоя амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ ва дигар фаъолияти хоҷагидорӣ (истеҳсол, коркард,

нигохдорӣ, интиқол ва фурӯши маҳсулот) дар деҳот аз ҷониби аъзоёни оила ва шахсоне, ки якҷоя бо онҳо дар асоси меҳнати инфиродӣ ва молу мулке, ки дар моликият ё ба иҷора карордошта, амал мекунанд. Аз ин рӯ, бо роҳи ворид намудани тағйиру иловахо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" аз 15 марти соли 2016, № 1289 зарур аст, ки хоҷагии деҳқонии оилавӣ ҳамчун шакли хоҷагидорӣ муқаррар карда шавад (Саҳ. 108).

Ба андешаи муаллиф конвергенсияи соҳибкории оилавӣ дар соҳаи сайёҳӣ ин низоми ҳамкории субъектҳои хоҷагидор (ширкатҳои сайёҳӣ, санаторияҳо, бахши хусусӣ, нақлиёт ва дигар ташкилотҳо) мебошад, ки вазифаҳои ҳамкории онҳо бо ҳам алоқаманд аст. Фарқи байни низоми конвергенсия ва низоми аутсорсинг дар он аст, ки аутсорсинг низомест, ки дар он иҷрои вазифаҳои муайян аз ҷониби ташкилоти тарафи сеюм ба ӯҳда гирифта мешавад. Ин вазифаҳоро ба воситаи комплекси санаторию курортӣ дар сурате, ки тамоми кувваро ба истеҳсолоти асосии ташкили хизматрасонӣ равона иҷро кардан мумкин аст. Ташкилоти сайёҳӣ имкони ташкили истироҳати хуби сайёҳонро аз ҳисоби маблағҳои худ надорад, бинобар ин бо шартҳои шартномаи ба ҳамдигар фоиданок бо комплекси санаторияю курортӣ хизмат мерасонад, ки субъекти сайёҳӣ тахассус дорад ва бинобар ин ин хизматҳоро бо сифати беҳтар таъмин менамояд. Яъне аутсорсинг истифодаи захираҳое беруна мебошад (ба мислои комплекси санаторияю курортӣ). Конвергенсия инчунин ҳамкории мутақобилаи ташкилотҳоеро, ки ба намудҳои алоҳидаи фаъолият тахассус доранд, дар бар мегирад. Агар соҳибкории оилавӣ ин хидматҳоро якҷоя кунад дар натиҷа метавонад тавассути пешниҳоди пурратар ва босифати хидматҳо аз ҷониби ташкилотҳои махсус ба ҳадди аксар ноил шавад. Маҳз конвергенсия дар низоми соҳибкории оилавӣ маҷмуи бартариҳои соҳибкорӣ мебошад.

Илова ба механизмҳои ҳуқуқии номбаршуда (низомҳои аутсорсинг ва конвергенсия) барои рушди фаъолияти сайёҳӣ на танҳо дар як ноҳия, балки дар тамоми минтақа, пешниход менамоем, ки низоми муносибатҳои

шартномавии франчайзинг байни танзимгари айёҳӣ ва агентии сайёҳӣ баррасӣ карда шавад. Франчайзинги сайёҳӣ дар соҳаи хизматрасонӣ васеъ истифода мешавад ва барои рушди соҳибкорӣ тавассути ҷалби захираҳои ташкилотҳои калон самараи назарраси иқтисодӣ медиҳад (саҳ.119-120).

Муаллиф таъкид намудааст, ки давлат бояд соҳибкории оилавиро ҳамаҷониба дастгирӣ карда, заминаи ҳуқуқӣ барои рушди минбаъдаи соҳибкории оилавӣ бояд фароҳам оварад. Мавқеъ ва нақши соҳибкории оилавӣ дар иқтисодиёт пеш аз ҳама ба вазифаҳои иқтисодии хоҷагии оилавӣ вобаста аст. Дар адабиёт доир ба ин мавзуъ фикру мулоҳизаҳои муҳим баён карда шудаанд. Аммо, агар аз самтҳои афзалиятноки ислоҳоти ҳуқуқӣ баромад кунем, вазифаҳои оила аз ташаббусҳои зерини иҷтимоию иқтисодӣ иборатанд: тарбияи насли наврас ва такрористеҳсоли қувваи корӣ; қонеъ гардонидани талаботи истеъмолии оила; амалигардонии фаъолияти соҳибкории оилавӣ (хоҷагии деҳқонӣ, ҳунармандӣ ва махсусан дар соҳаи хизматрасонӣ); фароҳам овардани имкониятҳои сармоягузорӣ аз ҳисоби пасандозҳои оилавӣ, истифодаи самараноки даромади моликият; муносибатхои иқтисодии дохилӣ бо давлат (пардохти андозҳо, истифодаи пардохтҳои трансферт), муносибатҳои иқтисодӣ бо давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла навъҳои гуногуни интиқоли пул, бастани шартномаҳои меҳнатӣ ва ғайра.

Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки вазифаҳои хоҷагии оила бо ҳам алоқаманд буда, ҳамаи онҳо ба андозаи муайян даромаду хароҷотро дар назар доранд. Ин раванд на танҳо ба соҳаи хоҷагии оилавӣ, балки ба тамоми низоми муносибатҳои иқтисодӣ ҳам хос аст. Он инчунин нишон медиҳад, ки хоҷагии оилавӣ дар иқтисодиёти кишвар ҷойгоҳи худро дорад (Саҳ.137-138).

**Асоснокии хулосаю пешниҳодҳо.** Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илм, қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи оилавӣ созгор мебошад.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои

илмӣ, мушкилоти қонунгузорӣ, ки аз ҷониби муаллиф пешкаш шудаанд, таҳлили андешаҳои илмӣ, муайян намудани мавқеи хеш дар раванди ҳалли вазифаҳои дар назди худ гузошташуда, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ, таҷрибаи амалӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертатсия мустақилона навишта шудааст.

Диссертатсия ягонагии дохилӣ дорад. Сохтори диссертатсия тибқи мақсад ва вазифаҳои он, инчунин, талаботи таҳқиқоти муттасил ва мантиқӣ интихоб карда шудааст. Бобҳо ва зербобҳои диссертатсия бо дарназардошти таҳқиқи мантиқӣ тибқи усули илмии гузариш ба мафҳумҳои умумӣ ва мушаххас, пайдарҳам таҳлил намудани қонунгузорӣ муайян карда шудааст.

Нуктаҳои илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар охири бобҳо ва зербобҳо, инчунин, хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Дар баробари ин саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мақолаҳои илмӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия гувоҳӣ медиҳанд.

**Таълифоти натиҷаҳои такикот дар нашрияҳои илмӣ.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 1 монография, 12 мақолаҳои илмӣ дарҷ шудаанд, ки аз ин шумора 3 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиянамуда ба чоп расидаанд. Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои ба нашррасида инъикос ёфтаанд. Оид ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия муаллиф дар чандин семинар, конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо маърӯзаҳо баромад намудааст.

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муаллифон ва манбаи иқтибоси мавод ишора менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд,

заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Тоҷикистон ва пажӯҳишҳои соҳавӣ, ки ба падидаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии алоҳида дар ин самт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол анҷом дода нашудааст. Бештари ҷанбаҳои гуногуни проблемаи соҳибкории оилавӣ дар маҷмӯъ ҳануз коркард карда нашудаанд. Диссертатсияи мазкур  ба бартараф намудани ин холигӣ дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик равона гардидааст.

Дар диссертатсия усулҳои усулҳои умуми-илмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра истифода шудаанд.

Тавассути усули диалектикӣ ташаккул ва инкишофи заминаҳои ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди пажуҳиш қарор дода шуда, шароити таърихӣ ва дигар омилҳое, ки ба ташаккул ва инкишофи қонунгузории бахши соҳибкории оилавӣ мусоидат намудаанд, муайян карда шудааст. Дар заминаи усули мантиқӣ-забонӣ истилоҳ ва иборахои мавҷуда оид ба муқаррарнамоии мафҳуми соҳибкории оилавӣ таҳлил гардида, истифодаи истилоҳи ягонаи аз нигоҳи мантиқӣ ва забонӣ дуруст, пешниҳод карда шудааст. Ҳамзамон, тавассути усули мантиқӣ-забонӣ соҳибкории оилавӣ таҳқиқ шуда, воқеияти амалишавии он дар замони муосир инъикос гардидааст. Дар раванди таҳқиқи танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ бо истифода аз усули оморӣ шумораи субъектони соҳибкории оилавӣ ва ҳолатҳои ҳимояи ҳуқуқи онҳо муайян гардидааст. Дар заминаи усули шаклӣ-ҳуқуқӣ соҳибкории олиавӣ ҳамчун падидаи сирф ҳуқуқӣ баррасӣ шуда, мафҳум ва унсурҳои таркибии он муайян карда шудааст. Инчунин, тавассути усули шаклӣ-ҳуқуқӣ қонунгузории амалкунандаи ҶТ ва давлатҳои хориҷӣ, санадҳои байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Тавассути усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қонунгузории ҶТ, санадҳои меъёрии

ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар бахши соҳибкории оилавӣ омӯхта шуда, шабоҳат ва тафовут миёни онҳо муайян гардидааст. Усули таърихӣ-ҳуқуқӣ имконият фароҳам намуд, то мавзуи рисола на танҳо ҳамчун падидаи муосири ҳуқуқӣ, балки таърихӣ низ омӯхта шавад. Дар натиҷаи таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии мавзуи рисола муайян гардид, ки дар замони истиқлоли давлатӣ танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ 3 марҳилаи таърихиро пушти сар намудааст. Усулҳои ишорашуда дар якҷоягӣ имконият фароҳам оварданд, то мавзуи таҳқиқшаванда ҳамаҷониба, пурра ва объективона омӯхта шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пайдо намоянд.Дар раванди таҳкики танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии фарҳангӣ бо истифода аз усули оморӣ шумораи истифодабарандагони хизматрасонии фарҳангӣ ва ҳолатҳои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони ин хизмат муайян гардидааст. Дар заминаи усули шаклӣ-ҳуқуқӣ бозори хизмтрасонии фарҳангӣ ҳамчун падидаи сирф ҳуқукӣ баррасӣ шуда, мафҳум ва унсурҳои таркибии он муайян карда шудааст. Инчунин тавассути усули шаклӣ-ҳуқуқӣ қонунгузории амалкунандаи ҶТ ва давлатҳои хориҷӣ, санадҳои байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Тавассути усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қонунгузории ҶТ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар бахши бозори хизматрасонии фарҳангӣ омӯхта шуда, шабоҳат ва тафовут миёни онҳо муайян гардидааст. Усули таърихӣ-ҳуқуқӣ имконият фароҳам намуд, то мавзуи рисола на танҳо ҳамчун падидаи муосири ҳуқуқӣ, балки таърихӣ низ омӯхта шавад. Дар натиҷаи таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии мавзуи рисола муайян гардид, кидар замони истиқлоли давлатӣ бозори хизматрасонии фарҳангӣ марҳилаҳои таърихиро пушти сар намудааст. Усулҳои ишорашуда дар якҷоягӣ имконият фароҳам оварданд то мавзуи таҳкикшаванда ҳамаҷониба, пурра ва объективона омӯхта шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пайдо намоянд.

Диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад. Дар

диссертатсия тамоми ҷанбаҳои соҳибкории оилавӣ ба таври комил мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешкаш шудаанд, аз лиҳози илмӣ-методологӣ бо истифода аз ақидаҳои маъмулӣ дар илм пазируфташуда, дар робита бо қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқӣ исбот карда шудаанд. Онҳо дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар илм истифода мешаванд, навгонии илмӣ доранд.

**Аҳамияти натиҷаҳои илмӣ барои назария ва амалия, тавсияҳо барои истифодаи онҳо.** Маводи таҳқиқотро метавон барои маърифати ҳуқуқии мардум, соҳибкорон, кормандони бонкӣ, такмили қонунгузорӣ, амалияи судӣ, бурдани таҳқиқдотҳои нав истифода намуд. Инчунин, маводи дар рисола овардашударо метавон ҳангоми гузаронидани дарсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус оид ба ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ истифода намуд.

**Эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия:**

1. Дар навгонии дуюм муаллиф қайд менамояд, ки: “Соҳибкории оилавӣ ин самти фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки дар он ду ё зиёда аъзои оила тавассути робитаҳои оилавӣ нақшҳои роҳбарӣ ё соҳибмулкӣ доранд ва бо мақсади ба даст овардани фоида таҳти масъулият истеҳсолот, иҷрои кор, хизматрасонӣ ва ё фурӯши молро ба сомон мерасонанд. Алоҳида пешниҳод гардидани истилоҳоти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар сатҳи қонунгузорӣ шароити иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилиро барои ташаккули инфрасохтори пешрафтаи соҳибкории оилавӣ, рушди оила ҳамчун муҳити худидоракунии инсон, баланд бардоштани иқтидори оилавӣ фароҳам меорад ва ба манфиати тараққиёти ҷамъият ва иқтисодиёт истифода мегардад. Аломатҳои фарққунандаи соҳибкории оилавӣ аз дигар самтҳои соҳибкорӣ чунинанд: оила барои идоракунӣ масъул мебошанд ва ё ҳадди ақал 25% саҳмияҳои ташкилот ба оила тааллуқ доранд; молик ё менеҷерҳо соҳибкориро ҳамчун соҳибкории оилавӣ муайян ва дарк мекунанд.” (Саҳ.

13-14). Аммо зикр намудан ба маврид аст, ки муаллиф тафовути молик ё менеҷерҳо дар самти соҳибкории оилавӣ муайян накардааст.

2. Дар саҳифаи 95 диссертасия муаллиф ифроз менамояд, ки: "Рушди соҳибкории хурду миёна гарави муваффақияти рушди иқтисодиёти кишвар дар маҷмӯъ мебошад. Ба ин таҷрибаи тараққиёти иқтисодиёти ИМА ва баъзе мамлакатҳои Аврупо дар давоми чанд даҳсолаи охир равшан шаҳодат медиҳад. Соҳибкории хурду миёнаро метавон бо роҳҳои гуногун ташкил кард. Бо вуҷуди ин самти даромаднoктарин ва босуръат рушдёбандаи соҳибкори соҳибкории оилавӣ мебошад, ки дар он накшҳои асосӣ дар ширкат байни хешони наздик ё дур тақсим карда мешаванд. Нақши оила дар рушди соҳибкорӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ бузург аст". Лек муаллиф нақши оиларо дар рушди соҳибкорӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ бо нишондодҳои оморӣ исбот накардааст.

Бояд таъкид намуд, ки эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд, аз лиҳози илмӣ баҳснок мебошанд ва ба мазмуни умумии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**Мувофиқати автореферат ба мухтавои диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автреферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасари бобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд. Мазмуни автореферат ва интишороти муаллиф нуқтаҳои асосӣ ва хулосаҳои пешниҳодшудаи диссертатсияро инъикос мекунанд. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот дарҷ ёфтаанд. Диссертатсия ягонагии дохилӣ дошта, усулҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ истифода шудаанд, ҷанбаҳои мусбати рисолаи илмиро ташкил медиҳанд. Натиҷаҳои таҳқиқот минбаъд дар таҳқиқотҳои илмии танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ истифода шуда метавонанд.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди институти соҳибкории оилавӣ мусоидат намуда, омили такмили яке аз падидаҳои муҳимми илми ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи оилавӣ мегарданд. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои

такмили қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва рушди соҳа заминаи мусоиде ба шумор меравад. Зимнан, онҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия метавонад ҳамчун асоси илмӣ барои таҳқиқоти минбаъдаи соҳаи ҳуқуқи граждании, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ барои тадриси фанҳои таълимии ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, курсҳои махсус дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, рисолаҳои магистрӣ ва диссертатсияҳо ба таври васеъ истифода гардад.

Ҳамзамон бояд ёдовар шуд, ки диссертатсия бо забони тоҷикӣ ва дар сатҳи баланд таҳия гардида, қадами бузурге дар роҳи ба забони илм табдил додани забони тоҷикӣ дар бахши илми ҳуқуқшиносӣ мебошад.

Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи феҳристи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти ҶТ, инчунин, дар мақолаҳои илмӣ, ки рӯйхати онҳо дар диссертатсия ва автореферати диссертатсия дарҷ ёфтаанд, интишор шудаанд. Онҳо дар шакли маърӯза дар конференсияҳои илмиву амалии гуногуни ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешкаш шудаанд. Нашрияҳое, ки дар онҳо таҳқиқоти диссертатсионӣ интишор шудаанд дар диссертатсия, аз ҷумла дар хулосаи он, инчунин, дар автореферат дарҷ гардидаанд.

**Мутобиқатии диссертатсия** аз рӯйи мазмун ва шакли таҳия ба талаботи Комиссияи олии атесстатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо назардошти андешаҳои зикршуда чунин мешуморам, ки диссертатсияи Рофиева Азиза Ҳамдамовна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», кори мустақим ва илман анҷомёфта ба ҳисоб рафта, навгонии илмиро дарбар мегирад. Мазмун ва мухтавои диссертатсия ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти

№267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, хуқуқи оилавӣ, хуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

Тақризи муқарризи расмӣ мутобиқи бандҳои 69-72 “Тартиби Додани дараҷаҳои илми”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, омода карда шудааст.

**Муқарризи расмӣ:**
Профессори кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Раупова М. Т.

Имзои Раупова М.Т.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш. Б.

29.05.23

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон +992 (37) 224-17-86, 224-17-86.
E-mail: info@apa. tj https://apa.tj/